106490 - Моҳи Рамазонро чӣ гуна пешвоз бигирем?

савол

Оё ягон амали махсуси шаръие вуҷуд дорад, ки мусулмон Рамазонро бо он пешвоз бигирад?

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Моҳи Рамазон беҳтарин моҳи сол аст, зеро Аллоҳ таъоло ин моҳро баргузида, рӯзаи онро фарз ва онро чаҳорумин рукни Ислом қарор додааст. Қиёми шаби он барои мусулмонон машрӯъ шудааст, чунон ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) мефармояд:

«Ислом бар панҷ чиз бино шудааст: Шаҳодат додан бар ин ки ҳеҷ маъбуде (бар ҳақ) ҷуз Аллоҳ вуҷуд надорад ва ин ки Муҳаммад фиристодаи Аллоҳ аст ва барпо доштани намоз ва додани закот ва рӯзаи Рамазон ва ҳаҷҷи хона (Каъба)».
Муттафақун алайҳ. (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Ҳамчунин паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) мефармояд:

«Ҳар кас Рамазонро аз рӯи имон ва талаби савоб шабзиндадорӣ бикунад, гуноҳони пешинаи ӯ бахшида мешавад». Муттафақун алайҳ. (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Барои пешвози Рамазон ягон амали махсусеро намедонам, ҷуз ин ки мусулмон онро бо хурсандиву шодӣ ва хушҳолӣ пешвоз бигирад ва Аллоҳро шукр гӯяд, ки ӯро ба Рамазон расонида, ба ӯ тавфиқ дода ва ӯро аз зиндагоне қарор додааст, ки дар анҷом додани амалҳои солеҳ сабқату рақобат мекунад. Зеро расидан ба Рамазон неъмати бузургест аз ҷониби Аллоҳ таъоло.

Аз ин рӯ, паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фарорасии моҳи Рамазонро ба саҳобагони худ мужда дода, фазилатҳои ин моҳ ва он аҷру савоби бузурге, ки Аллоҳ таъоло барои рӯзадорону шабзиндадорон омода намудааст, баён мекард. Барои мусулмон машрӯъ аст, ки

ин моҳи муборакро бо тавбаи насуҳ ва омодагӣ ба рӯзаву қиёми он бо нияти нек ва азми содиқона пешвоз бигирад". Поёни сухан.

Ҷаноби Шайх Абдулазиз ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод).

"Маҷмуъу фатово ва мақолотун мутанаввиъа" (9/15)